СУРАТМАҶЛИСИ №52
Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-079
назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносӣ
ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ

20 июни соли 2026 **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 16 аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №364/шд тасдиқ шудааст, 13 нафар иштирок доранд (1нафар дар реҷаи онлайн). Аъзои дигари шурои диссертатсионӣ бо сабабҳои узрнок дар маҷлис ҳузур надоранд. Аз се ду ҳиссаи аъзои шурои диссертатсионӣ дар маҷлис ҳузур доранд. Бинобар ин, шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд.

Пешниҳод шуд, ки маҷлиси шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1.Дар бораи таъини комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ

Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои сиёсӣ Қувватзода Сайдулло Зувайд дар бораи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудани диссертатсияи Ҳамидзода Шоҳрух Бозор дар мавзуи «Минтақаи Қафқоз дар низоми рақобатҳои геополитикии қудратҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ» бо шиносномаи ихтисоси 5.6.4. Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ баромад намуд ва аъзои Шуроро бо ҳуҷҷатҳои парвандаи аттестатсионии довталаб шинос намуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ пешниҳод намуд, ки барои экспертизаи диссертатсия комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин ташкил карда шавад: доктори илмҳои сиёсӣ Муҳаммадзода Парзиз (раис), доктори илмҳои сиёсӣ, Шарифзода Лоҳутӣ (аъзо) ва доктори илмҳои таърих Сайидзода Зафар (аъзо).

Қарор қабул карда шуд:

1.Комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Ҳамидзода Шоҳрух Бозор дар мавзуи «Минтақаи Қафқоз дар низоми рақобатҳои геополитикии қудратҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ» бо шиносномаи ихтисоси 5.6.4. Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ таъин карда шавад.

2.Ба ҳайати комиссияи экспертӣ дохил карда шаванд:
- доктори илмҳои сиёсӣ Муҳаммадзода Парзиз;
- доктори илмҳои сиёсӣ, Шарифзода Лоҳутӣ;
- доктори илмҳои таърих Сайидзода Зафар.

Қарор бо овоздиҳии кушод якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ _____/ Қувватзода С.З.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ _____/ Сангинов Н.Н.